**Суратмаҷлиси №2**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067**
оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.01.09 – Фолклоршиносӣ) ва 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)

21 январи соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 16 нафар узви
шуро 13 нафар

**Рӯзнома**:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи **Ҷурақулзода Умрон Шодиқул** дар мавзуи “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ” (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) (роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шукуров Г.Х.) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., Шарифзода Ф.Х. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул ба шурои диссертатсионӣ.

**Гузориш дода шуд:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ н.и.ф. Мухамедходжаева Р. гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳо ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ” (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми

филология аз рӯи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01– Забони тоҷикӣ) (роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шукуров Г.Х.) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Назарзода С., доктори илми филология, узви шуро, раиси комиссияи ташхис;
- Раҳматуллозода С., доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.
- Нуров П., доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор – 13 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.